Мутобики Низомнома дар бораи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Хукумати Чумхурии Точикистон, ки бо карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 3 майи соли 2010 № 228 тасдик шудааст,

АГЕНТӢ

ваколатхои зеринро дар бахши фаъолияти мукаррарнамуда амалӣ менамояд

:

- оид ба масъалахои ба Агентӣ дахлдошта ба Хукумати Чумхурии Точикистон лоихаи санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистонро пешниход менамояд;
- оид ба истифодаи максадноки маблагхои бучетӣ, ки барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ пешбинӣ шудаанд, пешниходхо тайёр мекунад;
- риояи хатмии талаботи конунгузориро дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ таъмин менамояд;
- дар амалӣ намудани хариди давлатӣ маслихат медихад, инчунин барои чустучӯи молрасонхои имконпазир ва молистеъмолкунандагон мусоидат мекунад;
- дар озмунхои харид оид ба хариди давлатӣ, ки аз номи ташкилотхои харидори дорои макоми ташкилоти сохибихтисос набуда мегузаронад, иштироки бегаразонаи молрасонхо (пудратчиён) ва рушди ракобати озодро байни довталабон таъмин менамояд;
- арзу шикоятхоро оид ба масъалахои хариди давлатӣ баррасӣ менамояд;
- оид ба хариди давлатӣ иттилоот чамъ мекунад ва онро интишор менамояд;
- такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон оид ба хариди давлатиро ташкил менамояд;
- ба ташкилотхои харидор вобаста ба масъалаи дуруст мавриди амал карор додани интихоби усули хариди давлатӣ хангоми анчом додани хариди мол, ичрои кор ва хизматрасонӣ гавсияхо медихад;
- хисобоги семохаро дар самти фаъолияти худ омода месозад;
- махзани маълумоти молрасонхои (пудратчиёни) ватанию хоричиро ташкил намуда, фехристи молрасонхои (пудратчиёни) беэътимодро пеш мебарад;
- оид ба масъалахои такмили механизми хариди давлатӣ мавод омода ва пешниход мекунад;
- аз рӯи тартиби мукарраргардида нашрияи Бюллетени хариди давлатиро гаъсис дода, фаъолияти онро ба рох мемонад;
- тибки тартиби мукаррагардида бо макомоти давлатии мамлакатхои хоричӣ, ташкилотхои байналмилалӣ ва хоричӣ хамкорӣ менамояд;
- ба шахсони хукукӣ ва вокеӣ доир ба масъалахое, ки ба сохаи мукаррагардида и фаъолияти Агентӣ вобаста мебошанд, тавзех медихад;
- барои гайримарказонидани хариди давлатӣ тадбирхои амалӣ андешида, фехристи ташкилотхои харидори сохибихтисосро, ки мустакилона хариди давлатиро анчом медиханд, тахия мекунад ва хар мох ба макомоти ичроияи дахлдори хокимияти давлатӣ ва Хукумати Чумхурии Точикистон пешниход менамояд;

- дар доираи ваколатхои худ хифзи маълумоти дорой сирри давлатӣ ва дигар сирри бо конун хифзшавандаро таъмин менамояд;
- фаъолияти дигарро дар сохаи мукарраргардида, ки бо санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон пешбинӣ шудаанд, амалӣ мегардонад.

бо максади татбики ваколатхои дар сохаи фаъолияти худ мукарраргардида хукук дорад:

- фаъолияти ташкилотхои харидорро оид ба риоя намудани конунгузории Чумхурии Точикистон дар сохаи хариди давлатӣ назорат кунад;
- барои тахияи санадхои меъёрии хукукӣ, гузаронидани ташхис ва машварат мутахассисони вазоратхо, кумитахои давлатӣ ва дигар макомоти идоракунии давлатиро ба таври ройгон, инчунин мутахасисонеро, ки хизматчии давлатӣ намебошанд, ба таври музднок ва аз руи тартиби мукаррарнамудаи конунгузории Чумхурии Точикистон чалб намояд;
- тибки тартиби мукарраргардида бо максади ичрои вазифахои ба зиммаи Агентӣ гузошташуда бо вазоратхо, кумитахои давлатӣ ва дигар ташкилотхои Чумхурии Точикистон гуфтушунид анчом дихад, карордод бандад;
- тибки конунгузории Чумхурии Точикистон нисбати ташкилотхои харидор барои риоя накардани конунгузории Чумхурии Точикистон дар сохаи хариди давлатӣ чорачӯи намояд;
- бо максади татбики вазифахои ба зиммаи Агентӣ гузошташуда ваколатхои дигарро, ки дар санадхои меъёрии хукукӣ пешбинӣ шудаанд, амалӣ намояд.